**«Тасдиқ мекунам»:**
**Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**
**__________Қурбонзода М.Р.**
**аз «17» майи 2025.**

**НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №10**

ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

аз «10» майи соли 2025 ш. Бохтар

Раиси ҷаласа: Абдурҳимзода С.Қ.,
Котиби ҷаласа: Аблаева М.Ҳ.,

**Иштирок карданд:** Иштирок доштанд: н.и.ҳ. дотсент, Қодиров Н.А., н.и.ҳ. дотсент, Қодирқулов Х.Р., н.и.ҳ. дотсент, Раҷабзода М.Н., н.и.ҳ. дотсент, Сафарбекзода Ҳ.С. н.и.ҳ. Қодирзода Б.Б., н.и.ҳ. дотсент, Абдурҳимзода С.Қ., н.и.ҳ. Аминҷонов А.Х., д.и.с. Саидов А.С., н.и.с. Мадвалиев Ҷ.А., н.и.ф. Субҳонзода С.И., н.и.и. Нориён Ф., н.и.и. Шодиев Б., ва омӯзгорон Азимзода Ҳ.Р., Муҳиддинов А.Д., Аблаева М., Ҳабибулозода Қ., Саидзода Д.С., Набизода Э.Қ. ҳамагӣ – 18 нафар.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар мавзуи «Накши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 -

Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабзода Маҳмадёр Носир

Шунида шуд: Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Холмуродзода Ф.Ш. баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, қайд намуд, ки шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷойгоҳи махсус дошта, муносибатҳои фаромиллиро танзим мекунанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо васеъ шуда, шартномаҳои байналмилалӣ асоси ҳуқуқии ин ҳамкориҳоро ташкил медиҳанд. Онҳо меъёрҳои ягонаи коллизионӣ ва моддӣ-ҳуқуқиро ташаккул дода, дар танзими муносибатҳои хусусӣ бо унсури хориҷӣ нақши муҳим доранд.

Тибқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофшуда қисми низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ буда, дар сурати мухолифати онҳо бо қонунҳои миллӣ, афзалият ба аввалин дода шудааст. Аз ин рӯ, шартномаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф шуда, муносибатҳои хусусӣ бо унсури хориҷиро, аз қабили ҳуқуқи моликият, сармоягузорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва тиҷоратиро танзим мекунанд.

Тоҷикистон иштирокчии беш аз 2000 шартномаи дуҷониба ва 350 шартномаи бисёрҷониба аст, ки асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалиро ташкил дода, муносибатҳои фаромиллиро танзим мекунанд. Шартномаҳои байналмилалӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ нақши марказӣ дошта, универсалӣ, минтақавӣ, дутарафа ва бисёртарафа буда, дар ҳама бахшҳои ин соҳа, аз ҷумла никоҳ, мерос, арбитраж ва ғайра, муҳиманд.

Омӯзиши ин мавзӯъ барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Тоҷикистон муҳим буда, ба таҳкими низоми ҳуқуқии муносибатҳои фаромиллӣ мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён Сафарбекзода Ҳ.С., Саидов А.С., Аминҷонов А.Х., Мухиддинов А.Д., Азимов Ҳ., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Холмуродзода Ф.Ш. ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии унвонҷӯ Раҷабзода М.Н., баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Холмуродзода Ф.Ш., суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир, аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, Қодиров Н.А., Қодирқулов Х.Р., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла Сафарбекзода Ҳ.С., Саидов А.С., Абдураҳимзода С.Қ., баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Холмуродзода Ф.Ш., муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, муаллифи 15 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Холмуродзода Ф.Ш., дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ;

ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Холмуродзода Ф.Ш., дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА – 018 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи кафедраи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» санаи 17 майи соли 2025. №10 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа: Абдураҳимзода С.Қ.

Котиби ҷаласа: Аблаева М.Ҳ.

**Имзоҳои Абдураҳимзода С.Қ. ва Аблаева М.Ҳ. - ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав», дотсент** **Исозода Т.И.**